# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофии ҳар кишвар, ки аз умқи таърих маншаъ мегирад, дар марҳилаҳои ташаккули забони тоҷикӣ барои нишон додани инкишофи забону фарҳанги мардумони минтақа ва муаррифии тамаддуни онҳо ба ҳайси сарчашмаи муътамад муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар таърихи ташаккули ҳар халқу миллат номҳои ҷуғрофӣ далели мавҷудияти забон, урфу одат, касбу кор, таҳаввулот ва ё ташаккулёбии фарҳанги ин ё он мардумро нишон медиҳад, ки он дар илми топонимика (ҷойномшиносӣ) омӯхта мешавад.

Ҷойномҳо (топонимҳо) як қисми ҷудоинопазири забоншиносӣ маҳсуб мешаванд ва дар дарозои таърих инкишофу таҳаввулот, забону фарҳанг ва тафаккури таърихи ҳар як халқро нишон медиҳанд. Онҳо аз ҷониби мардум офарида шуда, на танҳо номи ин ё он мавзеъро ифода мекунанд, балки маълумоти арзишмандро дар бораи релеф, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо маҳфуз медоранд.

Дар омӯзиши масоили топонимикаи Тоҷикистон, ба ақидаи топонимшиноси рус Э.М. Мурзаев, пеш аз ҳама, олимони рус – О.И. Смирнова, А.З. Розенфелд, В.С. Расторгуева, Ҷ. Эделман ва дигарон таваҷҷуҳ намудаанд.

Тавсеаи васеи омӯзиши номшиносӣ, аз ҷумла, топонимикаи Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои илмии А.А. Фрейман, С.И. Климчитский, В.А. Лившитс, М.И. Стеблин-Каменский, М.Н. Боголюбова, Ж. Лазар, А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Ш. Исмоилов, О. Маҳмадҷонов, Н. Офаридаев, Р. Шодиев, Д. Ҳомидов ва дигарон таҷассум ёфтааст, ки маҳз, ҳамин олимон аз ҷумлаи асосгузорони мактаби номшиносии ҷуғрофӣ мебошанд.

Азбаски ин корҳо дар асоси натиҷаҳои экспедитсияҳои лаҳҷашиносӣ ва кофтуковҳои бостоншиносӣ ба амал оварда шудаанд, онҳо, ҳамзамон, маълумоти хусусияти таърихидоштаро доранд, ки ба азнавбарқароркунии боэътимоди бештари ин ё он топонимҳо мусоидат менамоянд.

Мавзуи таҳқиқ, ки ба баррасии луғавию маъноӣ, решашиносӣ ва сохтории топонимия минтақаи Панҷакент марбут буда, барои матраҳ сохтани як қабати луғавии марбут ба ҳаёти мардум топонимикаи маҳалли зисти онҳо мусоидат мекунад.

Дар рисола унвонҷӯ ба масъалаҳои назариявӣ ва баррасии маъноию сохтории ҷойномҳо (топонимҳо) ва номҳои ҷуғрофии марбут ба минтақаи Панҷакент таваҷҷуҳ карда, доир ба ҳар масъалаи пешниҳодшуда хулосаҳои муҳимми илмӣ баровардааст. Бобҳо, фаслу зерфаслҳои рисола пайи ҳам ва бо мантиқ тарҳрезӣ шудаанд, ки барои муайян сохтани мавқеи номвожаҳои ҷуғрофӣ дар байни дигар қабатҳои луғавӣ мусоидат кардааст.

Ҷиҳати баррасии амиқи масъала унвонҷӯ аз усулҳои тасвирӣ-синхронӣ ва муқоисавии таҳқиқ самаранок истифода карда, маводи мавҷударо бо забони адабӣ ва дигар забонҳои ба ҳамдигар хеш то ҳадди имкон муқоиса карда, андешаи донишмандонро доир ба номвожаҳои матраҳшаванда мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Зимни овардани андешаҳои донишмандон мулоҳизаҳои шахсии унвонҷӯ низ ба назар мерасад, ки аз мустақилияти афкори илмии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Кори таҳқиқии Р.Р. Зулфониён дар топонимикаи тоҷик як қадами нави илмӣ аст ва барои муайян сохтани хусусиятҳои забонии боз як қабати луғавии минтақаи Панҷакент, ки то имрӯз ба таври диссертатсионӣ таҳқиқ нагардида буд, мусоидат менамояд, ки ин бешубҳа, нишонаи навгонии кор ба шумор меравад.

Хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумии кор мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд. Пешниҳод ва тавсияҳо ба мантиқи таҳқиқ муносиб мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ мустақилона навишта шуда, масоили матраҳшуда пайиҳам ва бомантиқ тарҳрезӣ гардида, дорои мазмуну муҳтавои ягонаи илмӣ мебошад. Хулосаҳо, тавсияҳо, натоиҷ ва нукоти илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Муҳтаво ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 12 мақола, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи кори диссертатсионӣ

алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ҳам мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад. Теъдоди мақолаҳои илмии нашркардаи унвонҷӯ ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Дар диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзодамаводи истифодашудаи иқтибосӣ бо ишора ба муаллиф ё маъхаз пешниҳод гардидааст. Ин гувоҳи он аст, ки банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ риоя гардидааст.

Хулосаи умумии диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ, мазмуну муҳтаво ва моҳияти масъалаҳои асосии корро муайян намуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсиониро нишон медиҳад. Муҳиммии таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши илмию амалии корро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса меояд, ки диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзодадар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент»кори анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ–таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод**– доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

-**Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳо, муовини ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати

он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба нишониҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви вобастаи АМИТ,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров Пирмаҳмад

номзади илми филология,
мудири шуъбаи забонҳои
бостон ва ориёии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Мирбобоев Азиз

"15" октябри соли 2023